## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Ҳайдаров Фахриддин Наботович дар мавзуи «Амир Муиззӣ ва мақоми ӯ дар адабиёти аҳди Салҷуқиён (нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст**

Таҳқику баррасӣ ва омӯзиши таърихи адабиёти тоҷику форс баёнгари он аст, ки ҷанбаҳои мухталифи ин адабиёт то имрӯз ба таври зарурӣ мавриди пажӯҳиши амиқ қарор нагирифтааст. Бахусус, анҷом додани ҷустуҷӯҳои илмӣ дар заминаи маърифати шеъри яке аз бузургтарин суханварони соҳибдевон, қасидасарои машҳури асрҳои XI-XII, маликушшуарои дарбори Султон Маликшоҳ ва султон Санҷари Салҷуқӣ – Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абдулмалик Муиззии Нишопурӣ, ки бо вуҷуди ба риштаи таҳқиқ кашида шудани бархе паҳлӯҳои зиндагинома, мероси адабӣ ва махсусиятҳои дигари осору ашъораш ҳанӯз ҳам таваҷҷуҳи муҳаққиқонро бештар ба худ мекашад, барои такмил ва тамомият бахшидани зовияҳои номакшуфи шеъри ӯ кӯшиши судманд ба ҳисоб меравад.

Рисолаи доктории Ҳайдаров Фахриддин Наботович «Амир Муиззӣ ва мақоми ӯ дар адабиёти аҳди Салҷуқиён (нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шуда, ба омӯзиш, таҳқиқи рӯзгору осор ва муайян кардани хусусиятҳои эҷодиёти Амир Муиззӣ бахшида шудааст, саҳифаҳои тозаеро дар маърифат ва шинохти паҳлӯҳои ношинохтаи андеша, тафаккур ва нерӯйи халлоқияти ин суханвари бузург боз менамояд. Зеро ҳарчанд Амир Муиззӣ ба унвони яке аз шоирони номдори ҳавзаи адабии Марв дар замони Салҷуқиён шинохта шудааст, вале эҷодиёти ӯ ончунон ки дархури мақоми ӯст, дар адабиётшиносии тоҷик мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор нагирифта, мазмуну мундариҷаи осори ӯ ба андозаи зарурӣ ба аҳли мутолиа пешниҳод нагардидааст. Аз ин дидгоҳ, рисолаи мазкурро метавон пажӯҳиши саривақтӣ ва қадами тозае дар шинохти рӯзгору осори Амир Муиззӣ ба ҳисоб гирифт.

Бар пояи баҳсҳои бунёдӣ, андешаҳои меҳварӣ ва ҳадафу вазифаҳои таҳқиқ, ки ҳамагӣ арзишманд буда, дар онҳо масоили нави илмӣ матраҳ гардиданд, метавон баён дошт, ки мавзуи таҳқиқии интихобнамудаи унвонҷӯ аз ҷумлаи мавзуъҳое шумурда мешавад, ки ба самти адабиётшиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ комилан мувофиқат менамояд.

Асрҳои XI-XII дар таърихи адабиёти форсу тоҷик ҳам аз нигоҳи рушди паҳлуҳои назарию амалии шеъру шоирӣ ва ба майдони адабиёт ворид шудани симоҳои машҳури адабӣ яке аз давраҳои муҳимми инкишоф ба шумор меравад, аммо дар ин давра дар қатори чеҳраҳои адабии маълум шахсиятҳои

то имрӯз ба таври зарурӣ ношинохтае низ зиндагӣ ва эҷод кардаанд, ки саҳми эшон дар рушду нумуи адабиёти классикӣ кам набудааст. Яке аз чунин адибон Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абдулмалик Муиззии Нишопурӣ мебошад, ки дар дар таърихи адабиёти тоҷик ба сифати яке аз шоирони соҳибзавқу ширинбаён эътироф шудааст. Аҳаммият ва мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсияи мазкур, аз ҷумла, аз андешаҳои фавқ бармеояд.

Аҳаммияти дигари қобили таваҷҷуҳи кори илмии Ҳайдаров Фахриддин Наботович ва навгонии таҳқиқи ӯ дар се ҷиҳат бозтоб меёбад:

Таҳқиқи эҷодиёти Амир Муиззӣ ва муайян кардани мавқеи ӯ дар адабиёти асрҳои XI-XII имкон медиҳад, ки масоили марбут бар шеъру адаб, авзои адабӣ ва дигар қонунмандиҳои вобастаи шеъри форсӣ, бахусус ҳунари қасидасароӣ дар ин давра то ҷое ҳалли худро ёфта, дар ин замина ба бисёр масъалаҳои камомӯхта равшанӣ дохта шавад. Амир Муиззӣ, ки аз намояндагони маъруфи даврони Салҷукиён буда, накши ӯ дар рушду инкишофи шеъри даврони мазкур, бахусус жанри касида, басо назаррас аст, бинобар ин, таҳқиқ дар атрофи эҷодиёти Муиззӣ ва вижагиҳои шоирии ӯ ҷиҳати ҳалли масоили зиёди марбут бар ҳаёти адабии асрҳои XI-XII кумак менамояд.

Дар баробари ин, Амир Муиззӣ аз зумраи бузургтарин қасидасароёни шеъри форсӣ дар асрҳои XI-XII маҳсуб мешавад. Аз Муиззӣ беш аз чаҳорсад қасидаи гуногунҳаҷм ба маврус монда, ки ин тааддуди қасоид далолат бар таваҷҷуҳи хоссаи шоир бар жанри мазкурро мекунад. Маҳз ҳамин хусусияти шоирии Муиззӣ ва вижагии жанрӣ дар эҷодиёти ӯ лузуми таҳқиқи нав дар гунҷои як пажӯҳиши диссертатсиониро ба бор меоварад, ки кори анҷомдодаи унвонҷӯ Ҳайдаров Ф.И. беҳтарин намуна дар ин маврид ба ҳисоб хоҳад рафт.

Дар навбати худ, қасоиди Муиззӣ чи аз ҷиҳати мавзуъ ва муҳтаво, чи аз нигоҳи забону услуб ва чи аз ҷиҳати бадеияту корбурди вижаи ороёҳои адабӣ аз шумори беҳтарин ва муътамадтарин амсилаи шоҳид мебошанд, ки таҳқиқи ҳар кадоми онҳо укдаҳои зиёди марбут бар гузаштаи шеъри форсӣ дар мисоли жанри қасидаро кушода хоҳад кард.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он собит мешавад, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ истифода мешавад. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методи таҳқиқ вобаста гардидааст. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

Ончунон ки аз мундариҷаи диссертатсия бармеояд, кор аз муқаддима, чор боб, бисту ҳашт фаслу зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқ ва рӯйхати адабиёти мавриди истифода иборат буда, масоили

мавриди таҳқиқ аз лиҳози сохтор зина ба зина баррасӣ, таҳлил ва натиҷагирӣ шудаанд.

Дар муқаддима мубрамият, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳо, сарчашма, усули таҳқиқ, навгонии илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва аҳаммияти назарию амалии диссертатсия хеле равшан, возеҳ ва дақиқ нишон дода шудааст.

Муаллифи диссертатсия муҳиммият ва зарурати таҳқиқу баррасии аҳволу осори шоирро бар чанд омил, аз ҷумла, то ҳол ба таври комил таҳқиқ нагардидани мавзуи мавриди назар ва дар таърихи адабиёти форс-тоҷик ва хусусан, дар таърихи адабиёти асрҳои XI-XII мақоми баргузидаву барҷаста доштани осори Амир Муиззӣ вобаста медонад.

Ба таври умум, диссертант дар муқаддима перомуни мақому манзалати Амир Муиззӣ дар ҳавзаи густариш ва ривоҷи забону адабиёти форсӣ, дараҷаи омӯзиши эҷодиёти шоир дар кишварҳои қаламрави адаби форсӣ ва берун аз он изҳори назар намуда, заминаҳои лозимиро барои идомаи таҳқиқ омода сохтааст. Ба ибораи дигар, тамоми қисматҳои муқаддимавии рисола аз ҷиҳати масъалагузорӣ ва муаррифии онҳо дар доираи талабот ба ин гуна корҳои илмӣ таҳия гардида, мантиқан якдигарро тақвият мебахшанд.

Боби аввали диссертатсия «Вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва илмию адабӣ дар замони зиндагии Амир Муиззӣ" ном дошта, аз се фасл – "Вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии Хуросон дар замони Амир Муиззӣ" (саҳ. 27-43"), "Авзои илмию адабии замон" (саҳ. 43-56) ва "Муҳити адабӣ дар замони Салҷуқиён" (саҳ. 57-72) иборат мебошад. Дар ин боб муаллиф бо истифода аз сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва осори назму насри суханварони тоҷику форс вазъи давру замони зиндагии Амир Муиззӣ, нақши Салҷуқиён дар таъриху тамаддуни мардумони Эрону Осиёи Марказӣ ва Осиёи Хурд, рушди илму фарҳанг, нақши Хоҷа Низомулмулки вазир дар ташаккул ва таҳкими пояҳои давлати Салҷуқиён, таваҷҷуҳи шоҳони Салҷуқӣ, бахусус, Маликшоҳ ва Санҷар ба шеъру адаб, ба вуҷуд омадани марказҳои адабӣ дар Нишопур, Ҳирот, Марв, Балх, рушду инкишофи анвои адабии ғазал, қасида, маснавӣ, рубоӣ дар ин аҳд ва дар маҷмуъ, роҷеъ ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва илмию адабӣ дар замони зиндагии Амир Муиззӣ бо истифода аз сарчашмаҳои муҳим изҳори андеша мекунад ва ба натиҷае мерасад, ки "давраи Салоҷиқаро метавон аз даврони бисёр дурахшони рушди забон ва адаби форсӣ ба шумор овард".

Дар фасли аввали боби мазкур муаллиф назди худ мақсад гузоштааст, ки бо истифода аз сарчашмаҳои таърихию адабӣ ва таҳқиқоти муаррихони муосир авзои сиёсию иҷтимоии замони мавриди назарро ба таври иҷмолӣ таҳлил намояд. Зеро, ба андешаи ӯ, ҳодисаҳои зиёди сиёсию иҷтимоӣ, ки дар замони рӯзгори Амир Муиззӣ дар қаламрави Салҷуқиён ба вуқуъ пайвастаанд, ба зиндагонии шахсӣ ва мазмуну мундариҷаи эҷодиёти ӯ бетаъсир

намебошанд. Ҳамин тариқ, дар ин фасл бештар бо такя ба сарчашмаҳои гуногуни таърихӣ вазъи сиёсии замон мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Дар фасли дуюми боби аввал масъалаи вазъи илмию адабии замони Амир Муиззӣ таҳлил гардида, дар он муаллиф роҷеъ ба улуми гуногун, аз ҷумла, қироат, тафсир, калом, фалсафа, риёзиёт, тиб, таърих, улуми адабӣ ва ғайра, ки новобаста аз вазъи сиёсию иҷтимоии начандон мувофиқ рушд карда буданд, изҳори назар мекунад. Инчунин, диссертант дар рушди илми замон нақши вазири маъруфи давр – Хоҷа Низомулмулкро, ки ба маҳз бо ташаббуси ӯ дар шаҳрҳои Бағдод, Омул, Басра, Исфаҳон, Балх, Марв, Ҳирот, ва ғайра низомияҳо таъсис дода шуданд, алоҳида таъкид менамояд.

Дар фасли сеюми боби аввал, ки "Муҳити адабӣ дар замони Салҷуқиён" номгузорӣ шудааст, дар мавриди ба шеъру шоирӣ таваҷҷуҳ доштани бархе аз подшоҳони Салҷуқӣ, густариши забони форсӣ дар ин аҳд, ба миён омадани марказҳои бузурги адабӣ дар Нишопур, Ҳирот, Марв, Балх ва амсоли он, инчунин, ташаккули ҳавзаҳои адабӣ дар Хуросон, Ироқ, Моварои Қафқоз, Озарбойҷон, Мовароуннаҳр, Ғазнин ва ғарби Ҳиндустон, ташаккули анвои шеърии ғазал, достонсароӣ, осори насрӣ ва м.и. сухан ба миён оварда шуда, андешаҳо бо асноди илмӣ тақвият бахшида шудаанд. Баҳсҳои илмии дар ин фасл матраҳгардида идомаи мантиқии андешаҳои муаллиф дар фаслҳои 1-ум ва 2-юм буда, дар маҷмуъ, дар поёни боби аввал дар даҳ банд ҷамъбаст шудаанд, ки натиҷагирӣ аз таҳлилу баррасии масъалаҳои дар фаслҳои сегона баррасигардида мебошанд.

Боби дуюми диссертатсия "Рӯзгор ва осори Амир Муиззӣ" ном дошта, аз лиҳози ҳаҷм, фарогирии матолиб ва арзишу аҳаммият дар байни бобҳои дигари рисола аз лиҳози арзиши илмӣ ҷойгоҳи хос дорад. Бесабаб нест, ки ин бахш аз 3 фасл ва 15 зерфасл иборат буда, наздики 200 саҳифаи диссертатсияро ташкил додааст. Арзиши ин боби рисолаи илмӣ барои адабиётшиносии тоҷик бебаҳс аст. Дар он диссертант дар хусуси дараҷаи омӯзиши рӯзгор ва осори Муиззӣ, таҳлили ахбори сарчашмаҳои адабӣ, таърихӣ ва илмӣ, шарҳи ҳол, валодат, зодгоҳ, даврони зиндагӣ ва поёни рӯзгори шоир, осори Муиззӣ аз нигоҳи мавзуъ ва анвои адабӣ таҳлили мукаммали илмиро барои аҳли таҳқиқ пешниҳод менамояд.

Дар фасли аввали боби мазкур, ки "Дараҷаи омӯзиши рӯзгор ва осори Муиззӣ" ном дорад, дар ду фасл масъалаҳои ахбори сарчашмаҳои адабӣ ва таърихӣ роҷеъ ба Амир Муиззӣ ва эҷодиёти ӯ, инчунин, баррасии маълумоти адабиёти илмии мавҷуд, яъне осори таҳқиқии илмӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар ин фасл ахбори сарчашмаҳои адабӣ ва таърихӣ, аз қабили «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзӣ, «Синдбоднома»-и Захирии Самарқандӣ, «Калила ва Димна»-и Абулмаолии Насруллоҳ, "Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ, «Ал-Муъҷам фӣ маъойири-л-ашъори-л-Аҷам»-и Шамси Қайси Розӣ, «Роҳат-ус-судур"-и Ровандӣ, «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидаддини

Фазлуллоҳ, «Таърихи гузида»-и Ҳамдуллоҳи Муставфии Қазвинӣ, “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ ва ғайра оварда шуда, ҷойгоҳи Амир Муиззӣ дар адабиёти форсу тоҷик ба таври мушаххас нишон дода шудааст. Аз дидгоҳи муаллиф таълифоти адабиётшиносии ғарб, рус, тоҷик, эронӣ, ки дар кутуби алоҳидаи таърихи адабиёт ва мақолаву таҳқиқоти ҷудогона баён гардидаанд, берун намонда, арзиши ҳар як пажӯҳиш ба таври мушаххас таҳлил гардидааст.

Муаллиф дар мавриди нусхаҳои чопии девони Амир Муиззӣ андешаронӣ карда, нашри девони ашъори шоирро, ки бори аввал дар Теҳрон ба саъй ва кӯшиши Аббос Иқболи Оштиёнӣ дар соли 1940 милодӣ ба табъ расидааст, марҳалаи ҷадиди мутолиа ва таҳқиқи ашъори Муиззӣ номидааст. Ба андешаи ӯ, ин нашр имконият фароҳам овардааст, ки таҳқиқоти зиёди марбут ба тасҳеҳи осори Муиззӣ ба нашр расида, масъалаҳои марбут ба чигунагии тасҳеҳ ва нашри минбаъдаи девони шоир ба миён гузошта шавад. Дар пажӯҳиши Фахриддин Ҳайдаров корҳои илмию таҳқиқотии дар заминаи рӯзгору осор ва шеъри Амир Муиззӣ анҷомдодаи адабиётшиносони турк низ бахши муҳимро ташкил додааст, ки ин масъала ҷуғрофиёи омӯзишу таҳқиқи эҷодиёти Муиззӣ ва ҷойгоҳи онро дар адабиёти турк нишон медиҳад.

Баъд аз баррасии масъалаҳои дараҷаи омӯзиши рӯзгору осори шоир диссертант бевосита ба баррасии масоили шарҳи ҳоли Амир Муиззӣ, валодат, зодгоҳ, наврасӣ ва ҷавонии шоир, ҳузури шоир дар дарбори Салҷуқиён ва поёни рӯзгори ӯ домани баҳс оростааст. Ҷанбаи қобили таваҷҷуҳи ин фаслҳо дар он аст, ки муаллифи рисола дар баробари зикр намудани ахбори сарчашмаҳои адабию таърихӣ барои равшан намудани паҳлуҳои мухталифи зиндагиномаи суханвар ашъори худи ӯро ба истишҳод меоварад. Ин нукта андеша ва натиҷагириҳои соҳиби рисоларо, ки бар мабнои сурудаҳои худи Амир Муиззӣ ба таҳқиқу баррасӣ ва муайян намудани паҳлуҳои ношинохтаи рӯзгори шоир пардохтааст, бисёр боварибахш ва боэътимоднок гардонидааст. Бахусус, дар мавриди бархе ҷанбаҳои зиндагии шоир, аз ҷумла, аз тири султон Санҷар захмӣ шудан ва поёни умри ӯ, ки дар сарчашмаҳо бо ихтилофи назар ва гуногунандешӣ баён гардидаанд, Фахриддин Ҳайдаров бештар ба асноди девони шоир такя намуда, хулосабарорӣ мекунад.

Дар муайян намудани ҷаҳонбинии адибони даврони алоҳида, чигунагии муносибати онон ба эҷодиёти суханварони салаф ва хамзамони худи адиб низ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, то андозае дараҷаи рушду инкишофи илму адабро дар замони муайян бозгӯ менамояд. Аз ин лиҳоз, Фахриддин Ҳайдаров масъалаи ҷойгоҳи бузургони пешин ва инчунин, иртиботи адабии ҳамзамонони ӯро дар зерфаслҳои алоҳида таҳлилу таҳқиқ намудааст. Дар ин замина, диссертант муносибати эҷодии Амир Муиззиро бо шоирони пешгузаштаи худ, аз ҷумла, устоди шоирон Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Унсурӣ ва Фаррухӣ мавриди таҳлил қарор дода, ба натиҷае

мерасад, ки дар қисми бештари тағаззули қасоиди Муиззӣ таъсири услубу равиши Рӯдакӣ аён буда, тағаззулоти Рӯдакӣ дар бештари тағаззулоти баҳорияи Муиззӣ таъсир ва нуфузи калон доштааст.

Гузашта аз ин, диссертант бо овардани намунаҳои ашъори суханварон таъкид меварзад, ки дар ашъори Амир Муиззӣ тарзи тасвир ва ташбеҳории Дақиқӣ, таъсири шахсиятҳои достонии «Шоҳнома», таъсири тағаззулоти Фаррухӣ ва таъсири услуби Унсурӣ ба хубӣ мушоҳида мешавад. Дар ин замина, диссертант ба натиҷае мерасад, ки "дар ташаккули маҳорати эҷодӣ ва қареҳаи шоирии Амир Муиззӣ ашъори шоирони сабки хуросонӣ, аз ҷумла, Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Фаррухӣ ва Унсурӣ хеле бузург аст".

Дар рисола, инчунин, муносибатҳои эҷодии шоирони ҳамзамони Амир Муиззӣ, ба монанди Масъуди Саъди Салмон, Усмон Мухтории Ғазнавӣ, Сайид Ҳасани Ғазнавӣ, Ҳаким Саноӣ, Сӯзании Самарқандӣ ва дигарон таҳқиқ гардида, бо мисолҳои мушаххас мавриди таваҷҷуҳи шоирони муҳити адабии Салҷуқиён қарор доштани Амир Муиззӣ нишон дода шудааст.

Яке аз масъалаҳои муҳимми дигари мавриди баҳси диссертант муайян кардани сабку салиқаи суханварии Амир Муиззӣ буда, ин масъала дар фасли севуми боби дуюми диссертатсия – «Осори Муиззӣ аз нигоҳи мавзуъ ва анвои адабӣ» маҷоли баррасӣ ёфтааст.

Муаллифи диссертатсия бо истифода аз усулҳои беҳтарини таҳқиқ мавзуъҳои асосии эҷодиёти шоир, анвои адабии қасида, ғазал, рубоӣ, китъа ва анвои дигари мавриди истифодаи шоирро таҳлилу баррасӣ намуда, ба натиҷае мерасад, ки «қисмати асосии девони шоирро қасида ташкил мекунад ва Муиззӣ дар таърихи адабиёти тоҷику форс ба сифати шоири қасидасаро мақоми намоён дорад» (диссертатсия, саҳ. 248). Чунонки таъкид гардид, боби мазкур яке аз бобҳои меҳварии диссертатсия ба ҳисоб рафта, то кадом андоза ба сабку салиқаи пешиниён ва ҳамзамонон андешидани суханварро ба намоиш мегузорад ва бо таҳлилу натиҷагириҳои хосси муаллиф аз кулли бобҳои дигар тавофут мекунад.

Боби сеюми диссертатсия «Таҳқиқ ва нашри девони Амир Муиззӣ» номгузорӣ шуда, Фахриддин Ҳайдаров бо истифода аз сарчашмаҳои муҳим ва феҳристҳои муътабар дар мавриди нусхаҳои дастнависи девони ашъори Муиззӣ, ки дар китобхонаҳои ҷаҳон нигоҳдорӣ мешаванд, инчунин дар мавриди нусхаҳои чопии девони шоир хеле муфассал ва дақиқ маълумот додааст.

Муаллиф пас аз таҳлилу баррасиии масъалаи мазкур ба натиҷае мерасад, ки "то имрӯз чопи илмӣ-интиқодии комилан саҳеҳи девони шоир ба миён наомадааст ва муаллифони нашрҳои панҷгонаи девони Амир Муиззӣ дар муаррифии ашъори Муиззӣ саҳми лозима гузошта бошанд ҳам, аз норасоиҳои имлоӣ ва услубӣ орӣ нестанд". Аз ин лиҳоз, "анҷоми он аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи илми матншиносии муосир маҳсуб мешавад".

Боби чоруми диссертатсия “Хусусиятҳои бадеии ашъори Муиззӣ” ном дошта, аз ду фасл ва се зерфасл иборат аст. Дар фасли аввали он муаллиф бо такя ба таълифоти илмии дар заминаи ҷойгоҳи мадеҳасароӣ дар адаби форсӣ ба вуҷудомада тарҳи умумии масъаларо баён мекунад ва ба натиҷае мерасад, ки “мавзуи асосии ашъори Муиззӣ, аслан, ситоиши шахсияти султон ва салтанати ӯ” буда, ӯ ба султон Маликшоҳ I30 қасида ва ба султон Санҷар 87 қасидаи мадҳӣ бахшидааст. Дар робита ба ин масъала диссертант дар фасли “Васфи аносири давлат ва давлатдорӣ дар қасоиди Муиззӣ” дар дастгоҳи давлатдории хонадони Салҷуқӣ дар хидмати қудрати сиёсии ҳоким будани шоирон ва ногузир бо муболиғаву иғроқу ғулув шеър гуфтани онҳо таъкид варзида, ба ин восита ҳунари ӯро дар корбурди санъатҳои мазкур нишон медиҳад.

Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант дар 25 банд оварда шудаанд, ки натиҷаи ҷустуҷӯҳои бунёдӣ ва баррасиҳои асосноки ӯянд. Андешаҳои муаллиф дар интиҳои диссертатсия тариқи хулоса ҷамъбаст гардида, дар он чеҳраи ҳунарии Амир Муиззӣ ҳамчун беҳтарин шоири ҳунарманд, таъсиргузор, соҳибмактаб, навҷӯю нововар, ки бо эҷодиёти худ дар адабиёти аҳди худ таъсири носутурданӣ гузоштааст, намоён мегардад. Рӯйхати адабиёти истифодашудаӯо метавон баёнгари сатҳи зарурии илмии муаллифи диссертатсия ҳисобид. Инчунин, баҳсҳои диссертант бо муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар паҳнои адабиётшиносӣ гувоҳи ин гуфтаҳост. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мувофиқ аст.

Аз ин лиҳоз, диссертатсияи Фахриддин Ҳайдаровро метавон саҳифаи наве дар заминаи шинохти чеҳраи ҳунарии Амир Муиззӣ ва эҷодиёти вай ба ҳисоб гирифт.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки андешаҳои дар иртибот бо мавзуи мавриди баҳс баённамудаи муаллифи диссертатсияро метавон зимни омӯзиш ва таҳқиқи масоили назариявии қисматҳои сохторшиносӣ, сабкшиносӣ, назария ва шинохти қонуниятҳои шеърӣ ва умуман адабиётшиносии тоҷик, ҳамчунин, таҳия, коркард ва мураттаб сохтани барномаҳои дарсӣ, маводу васоити таълимии марбут ба назм, таълифи осори гуногунсатҳи илмӣ, амсоли мақолаҳо, монографияҳо, диссертатсияҳо ва дигар анвои корҳои илмӣ ба таври васеъ истифода кард.

Муҳтавои асосии диссертатсияи Ҳайдаров Фахриддин ва бардошту натиҷагириҳои ӯ аз таҳқиқи мавзуи мавриди назар дар 21 мақолаи илмӣ инъикос ёфтааст, ки аз ин теъдод 15 мақолаи довталаби дараҷаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд.

Автореферати диссертатсия ва маводи нашрнамудаи муаллиф фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, 15 номгӯйи он дар маҷаллаҳои илмии

такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расиданд.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ. Диссертатсияи Ҳайдаров Фахриддин Наботович дар мавзуи «Амир Муиззӣ ва мақоми ӯ дар адабиёти аҳди Салҷуқиён (нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII)» ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

Дар баробари дастовардҳои назаррас дар диссертатсияи мазкур баъзе норасоиҳо низ ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кори диссертант хоҳад буд:

1. Дар диссертатсия тибқи нақша масъалаи авзои сиёсии замон дар асоси осори таҳқиқии таърихӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Аммо дар баъзе маврид хулосабароориҳои диссертант ба ҳамдигар зид садо додаанд. Чунончи: "Илму фарҳанг дар замони Салҷуқиён хеле тараққӣ кард, ки сабабҳои худро дошт. Салҷуқиён бар хилофи Сомониёну Ғазнавиён, ки як пойтахт доштанд, дар марҳалаҳои гуногун шаҳрҳои мухталифи тоҷикнишинро пойтахт қарор доданд..." (саҳ. 36). Агар дар ин андеша сабаби пойтахтҳои гуногун доштани хонадони Салҷукӣ ҳамчун яке аз омилҳои рушду тараққии илму фарҳанг маънидод шавад, пас дар ҷойи дигар, ҳамин омил "монеаи рушди илму адаб" маънидод мегардад: "Салҷуқиён ба чанд далел натавонистанд, ки муҳити шеъру адаби замони Сомониён ва Ғазнавиёнро дубора эҳё кунанд. Нахустин омил он буд, ки тавре дар боло зикр шуд, бар хилофи Сомониёну Ғазнавиён Салҷуқиён дар сад соли авҷи қудрати худ (1053-1153) на як, балки чанд пойтахт доштанд, ки монеи рушди илму адаб мегардид. Иллати дувуми ба андозаи замони қабл рушд накардани шеъру адаб он буд, ки"... ва ило охириҳи.... (саҳ. 39).

2. Дар банди 7-уми боби аввал хулосаи зерин илмӣ нест. Чунончи: "Муиззӣ, ки Анварӣ аз рӯйи ҳиқду кина хуни ду девонро бар гардани ӯ афкандааст, дар айни пайравӣ аз сабки Фаррухию Унсурӣ дар бархе аз қасоиди хеш устодест, ки ба суратҳои мухталиф дар майдони адаб даромада ва ҳама вақт пирӯз бозгаштааст". Бандҳои 8 ва 9-уми хулосаи боби мазкур низ, ки ба Амъақ ва Азрақӣ бахшида шудаанд, бо мабоҳис иртиботи чандоне надоранд.

3. Дар диссертатсия баъзан муғлақбаёнӣ ба назар мерасад, ки бо овардани як мисол иктифо менамоем: «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар таҳқиқи рӯзгори амир Муиззӣ аз чанд ҷиҳат нақши босазое дорад. Пеш аз ҳама, тавре Низомии Арӯзӣ ишора менамояд, шеърашро барои

муайян кардани ҳусну қубҳи он ба амирушшуаро Муиззӣ нишон медиҳад (саҳ. 75).

4. Номи баъзе китобҳо ғалат оварда шудааст. Аз ҷумла, китоби Имом Муҳамади Ғаззолӣ дар шакли «Ал-Арбаъайн фӣ усул-ад-дин» (саҳ 50) оварда шудааст, ки дурусташ "Ал-Арбаъин..." мебошад. Ҳамчунин, китобҳои мутакаллими бузурги дигари ин аҳд Абдукарими Шаҳристонӣ , ки дар шакли «Ал-милал-ан-наҳл» оварда шудааст, ки бояд "ниҳал" бошад (саҳ 50).

5. Диссертант баъзе абётро аз нусхаҳо ғалат хонда ва сабт кардааст. Чунончи, аз "Таърихи гузида" ин рубоиро меоварад:

Рафтам ба асп, то ба зораш бикашам,
Гуфто, ки нахуст бишнав ин узри хушам:
На гови заминам, ки ҷаҳон баргирам,
На чархи чаҳорум, ки хуршед кашам» (саҳ. 80-81)

Мисраи аввали рубоии мазкур, ба гумони ғолиб, бояд ба тарзи зерин хонда шавад: «Рафтам бари асб, то ба зераш бикашам».

Инчунин, дар байти зерин калимаи "З-ин малик" бояд ба сурати "Зайнмулк" хонда шавад:

Рустам аз Мозандарон ояд ҳаме,
З-ин малик аз Исфаҳон ояд ҳаме.(саҳ.174)

Дар мисраи якуми рубоии Хоқонӣ вазн хароб аст:

Ғам бар дили Хоқонӣ тарсон бинишаст,
К-ӯ бар лаби обу оташ осон бинишаст.
То рафт Муиззию азизон аз пас,
Бархост, ба мотами Хуросон бинишаст (207).

6. Дар рисола ба тариқи ихтисор баён кардани баъзе матолиб ба манфиати кор буд, зеро ҳаҷми диссертатсия худ хеле калон аст ва бо ихтисори онҳо костагие зоҳир намегардид. Аз ҷумла, аз китоби «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър»-и Ватвот овардани мисолҳо (саҳ. 75-76), зикри матлаб дар бораи рӯзгору мероси Абулфайзи Файзӣ дар боби 2 (саҳ. 89-90), таҳлили, ба истилоҳ, фирдавсиситезии Фаррухӣ (саҳ. 189-190) ва ғайра.

7. Дар саҳифаҳои 347 ва 349-и диссертатсия, ки тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ баён гардидаанд, такрори фикр дида мешавад.

Вале ин гуфтаҳо ба ҳеч ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро коста намегардонанд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки диссертант оид ба мавзуи таҳқиқӣ нашр намудааст, муҳтавои диссертатсияро фаро гирифтаанд. Воқеан, мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат мекунад. Ҳамчунин, коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти

илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ҳайдаров Фахриддин Наботович дар мавзуи «Амир Муиззӣ ва мақоми ӯ дар адабиёти аҳди Салҷукиён (нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII)» , ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст, ҷавобгӯйи талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии дархостшаванда аст.

**Муқаррizи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
профессор, мудири шуъбаи рушди
иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи
дастгоҳи Раиси вилояти Суғд Султонзода Тоҷибой Султонӣ
25.09.2025.

Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд,
маҳаллаи 20, бинои 8, хонаи I6
Тел.:(+992) 92-780-40-0I
E-mail: tsultoniI970@mail.ru

Имзои доктори илмҳои филология,
профессор, мудири шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва
робита бо ҷомеаи дастгоҳи Раиси вилояти Суғд
Султонзода Тоҷибой Султониро тасдиқ мекунам:

мудири шуъбаи кадрҳои дастгоҳи
Раиси вилояти Суғд Ғолибҷон Шарифзода

Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд,
хиёбони ба номи Раҳмон Набиев, №45
Тел.:(+992) 92-773-I6-58
E-mail: sugd-kadr@mail.ru
26.09.2025.